«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент ______ Рафиев С.А.
«__16__» ______ соли 2025

# ХУЛОСАИ

кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба диссертатсияи Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи адабиёти бадеӣ ва китоби Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна соли 2016 зинаи бакалаври факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, соли 2018 занаи магистратураи муассисаи мазкурро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забони англисӣ хатм намудааст. Ӯ соли 2021 ба зинаи докторантураи PhD-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2024 хатм кардааст.

Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна аз соли 2019 то соли 2023 ба ҳайси ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва аз моҳи сентябри соли 2023 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода кор карда истодааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таърихи 26.01.2022 бо қарори №6/4-16 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии диссертант доктори илми филология, профессор Ҷамшедов Парвонахон мебошад.

Ҳангоми таҳсил дар зинаи докторантура (PhD) дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ нақша ва барномаи

таълимию илмиро аз бар намуда, маълумотномаи академӣ (транскрипт)-ро оид ба фанҳои азбарнамуда ва супоридани имтиҳонҳои маҷмуӣ (комплексӣ) -ро соли 2024 гирифтааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (суратҷаласаи №7/4-1 аз 13-уми феврали соли 2025) муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи адабиёти бадеӣ ва китоби Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих»)» чунин хулоса қабул карда шуд:

Мавзуи диссертатсияи Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна дар забоншиносии тоҷик мавзуи нав буда, ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳлилу таҳқиқи маҷмуӣ ва низомноки феълро фаро гирифта, барои забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ аҳамиятнок ва саривақтӣ буда, ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) **мутобиқат** менамояд.

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2021-2025 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503), аз ҷумла ба масъалаҳои забон, адабиёт ва фарҳнг, амалишавии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2019, №438) **алоқаманд** мебошад.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамояд.

Аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва муҳтавои диссертатсия муаллиф як дастури таълимӣ омода намудааст, ки дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои забони англисӣ, методикаи таълими забони англисӣ, типологияи муқоисавии забонҳо (англисӣ ва тоҷикӣ) истифода мешавад.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бори нахуст дар забоншиносии тоҷик бар пояи осори фаровони бадеӣ мавзуи шаклҳои тасрифнашавандаи феълро мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор дода, умумият, шабоҳат ва тафовути сохторию корбурдии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда муайян

намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф бо ягонагии дохилии диссертатсия ба тасвиб расида, дар намуди робитаи байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ амсиласозиҳои таҳлилу таҳқиқи шаклҳои тасрифнашавандаи феъл метавонад ба рушди назария ва амалияи масъалаҳои забоншиносӣ мусоидат намоянд.

Диссертатсияи Ибодова Саёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи адабиёти бадеӣ ва китоби Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих»)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат менамояд.

Диссератсия аз муқаддима, 3 боб, 8 параграф, хулоса ва рӯйхати ададбиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳрасти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Ибодова С.М. Масдар ва хусусиятҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2023. – №6. – С. 65-71.
2. Ибодова С.М. Масдар ҳамчун шакли ибтидоии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / А.Холиқзода, С.М. Ибодова // Паёми Донишгоҳи забонҳо (силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих). – 2024. – №1(53). – С. 45-53.
3. Ибодова С.М.Мафҳум ва мавқеи масдар дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова// Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2022.- №3 (28) – С. 36-44.

**Б) Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

**1.** Ибодова С.М. Назарияи шаклҳои ғайришахсии феъл (масдар) дар забони англисӣ / С.М. Ибодова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ миёни магистрантон ва докторантони PhD тахти унвони

«Эмомалӣ Раҳмон – пешво ва ҳомии тоҷикони ҷаҳон». – Кӯлоб, 2021. – С. 100- 102

**2.** Ибодова С.М. Масдар ва мавқеи он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Маводи конференсияи илмӣ- назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Рӯзи байналмилалии забони модарӣ ва амалигардонии барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». ДДОТ ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2023. – С. 51-54

**3.** Ибодова С.М. Нақши забон дар инкишофи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ / С.М. Ибодова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022 бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ,дақиқ ва риёзӣ ( солҳои 2020-2040) ». –Кӯлоб, 2022 . – С.51-54.

**4.** Ибодова С.М. Баррасии вазифаҳои сифати феълӣ дар ҷумлаҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: назария ва методҳои таҳқиқӣ “Тарҷуманопазирӣ”» (ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода). – Душанбе, 2024 . – С. 619-625

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои дигари таҳқиқот дар шакли гузориш, тезису маърузаҳо дар конфренсияҳои байналмилалӣ, илмӣ-назариявии ҳарсолаи ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ва ғ. (2020-2024) инъикос ёфтаанд.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Ибодова Саёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи адабиёти бадеӣ ва китоби Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ибодова Саёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи адабиёти бадеӣ ва китоби Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-

Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи «13» феврали соли 2025, №7/4-1 қабул шудааст.

Дар овоздиҳӣ 25 нафар, аз ҷумла намоянда аз Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, мудири кафедраи филологияи англис Кесамирова С.Р. ширкат доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 25 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи №7/4-1 аз 13-уми феврали соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент,
мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич

**Котиби ҷаласа:** н.и.ф., муаллими калони кафедраи
забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатзода Файзиддин Ҷамил

«Имзоҳои н.и.ф., и.в. дотсент Ш.Ш. Гуламадшоев ва н.и.филологӣ Ф.Ҷ. Давлатзода-ро тасдиқ мекунам»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Файзуллохуҷа Азизович

«14» 02 соли 2025

**Суроға:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj.